# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзуи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ

Рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст ва дар ин заина тағйироти ҷиддие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудаанд, ба вуқуъ мепайванданд, ки дар радифи онҳо тамоюли омӯхтани шахсияти донишҷӯ, шинохти инсон тавассути методҳои фаъолияти маърифатӣ, мутобиқсозии раванди таълим ба эҳтиёҷоти шахсият, фароҳам овардани имконият барои худшиносӣ ва худогоҳӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва равандҳои инноватсионӣ таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо қарор дорад. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди муосири низоми таҳсилот бо пайдоиши муҳити нави фаъолияти он – ҷомеаи инноватсионӣ алоқаманд аст. Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзӯъ ва таҳқиқи илмии он ҳамчун рисолаи номзадӣ аз ҷониби Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” дар марҳилаи муосири рушди таҳсилот хеле ҷолиби диққат буда, аз таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат мекунад.

Асоси назариявии таҳқиқотро ғояҳои пешбари инкишофи шахсият; ғояҳои хусусияти эҷодӣ ва интерактивии фаъолияти субъект дар сохтори навъҳои гуногуни таълим; назария, методология ва амалияи дидгоҳи салоҳиятнокӣ дар таҳсилот; назария ва методикаи идоракунии таҳсилот; консепсияи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ба вуҷуд овардаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуқтаҳои зерин ифода ёфтаанд: мушаххас намудани мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим», таҳияи амсила самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ, муайян

кардани шароитҳои ташкилию педагогии омода намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим, мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, заруратиистифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баландбардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим асоснок карда шудааст.

Арзиши амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода шудаанд: коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом ёфта, тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шудаанд, коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардидааст.

Тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида, метавонанд ба омӯзгорони ояндаи макотиби олӣ ҷиҳати муайян ва рушд додани сатҳи лаёқатмандии донишҷӯён кӯмаки амалӣ расонад.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мутобиқат мекунад.

Натичаҳои тадқиқот ва нуқтаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ- назарии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, дар конференсияҳои илмӣ - назариявии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидааст.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ - методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 20 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 5 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои

илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон батабъррасондаи довталаб инъикос ёфтаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқ аст ва муаллифи он Ахмедова М.Ф. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал

Маълумот барои тамос: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2. Тел.:900853535. E-mail:takmil-bbk@mail.ru

12.06.2023

*Имзои М.Б. Каримзодаро тасдиқ менамоям.*

*Мудири бахши кадрҳо*
*ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН · АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА · ШӮЪБАИ КАДРҲО · ОТДЕЛ КАДРОВ · ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН · РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН